# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муайян намуда, самтҳои фаъолият ва таъминоти молиявии онро муқаррар менамояд.

## БОБИ 1.
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Муносибатҳое, ки бо Қонуни мазкур танзим мешаванд**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» вазъи ҳуқуқӣ ва раванди фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ҳамчун муассисаи таълимии худмухтор муайян мекунад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

## БОБИ 2.
## ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 3. Мақоми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муассисаи таълимии давлатии таҳсилоти олии касбӣ буда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

2. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти молия, андоз, омор ва мақомоти ваколатдори давлатии дигар ҳисоботҳои соҳавӣ пешниҳод менамояд.

3. Муассиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Моддаи 4. Худмухтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Худмухторӣ рукни асосии ташкили раванди таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ ва муносибатҳои молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Худмухторӣ шакли фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад, ки масъулияташро дар назди муассис муайян мекунад.

2. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, байналмилалӣ, тарбиявӣ, молиявию иқтисодӣ ва фаъолияти дигар мустақил буда, татбиқи онҳоро дар мувофиқа бо муассис амалӣ менамояд.

**Моддаи 5. Фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, амалӣ менамояд.

2. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи таълимии худмухтор ҳуқуқи таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани стандартҳои давлатии таҳсилот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дорад.

3. Барномаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисос (самт) ва нақшаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти амалкунанда аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 6. Сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз роҳбарият, шурои олимон, раёсатҳо, шуъбаҳо, факултетҳо ва кафедраҳо иборат мебошад.

2. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мувофиқа бо муассис воҳидҳои сохторӣ (пажӯҳишгоҳ, донишкада, академия, коллеҷ, литсей, муассисаи томактабӣ ва дигар) таъсис медиҳад, ки онҳо шахси ҳуқуқӣ буда, мустақилона самти мушаххаси фаъолияти онро амалӣ менамоянд.

3. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади инкишофи фаъолият ва робитаҳои байналмилалӣ ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо муассис дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ филиалҳо ва намояндагиҳо кушояд.

**Моддаи 7. Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мегардад.

3. Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- ном, маҳалли ҷойгиршавӣ ва мақоми ҳуқуқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- мақсад, вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- ваколатҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- тартиби идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сохтори он ва фаъолияти онҳо;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон, коромӯзон ва кормандон ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- ҳуқуқу уҳдадориҳои донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, постдокторантон, коромӯзон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- ваколатҳо, тартиби ташкил ва муҳлати ваколатҳои мақомоти идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- шакл ва усулҳои фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

4. Дар оиннома метавонанд муқаррароти дигари вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешбинӣ гарданд.

**Моддаи 8. Тартиби таъин ва озод намудани ректор, муовини якум ва муовинони ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

2. Муовини якум ва муовинони ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мувофиқа бо муассис аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешаванд.

**Моддаи 9. Фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муассисаи таълимӣ мебошад, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва илмию инноватсионӣ, методӣ, ташкили инфрасох-тори таълимию илмӣ ва фаъолияти дигар мутобиқи оинномаи он таъсис дода шудааст.

2. Фаъолияти таълимию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

**Моддаи 10. Амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барномаҳои таълимиро дар зинаҳои бакалавриат, мутахассис, магистратура, аспирантура, унвонҷӯй, докторантура аз рӯйи ихтисос, докторантура, постдокторантура дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

2. Қабули донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон ва постдокторантон ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад.

3. Тартиби гузарондани имтиҳонҳои ҷорӣ ва аттестатсияи хатм аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Раиси комиссияи аттестатсияи хатм бо муассис мувофиқа карда мешавад.

4. Намунаи дипломи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо пешниҳоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 11. Фаъолияти байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳо, фондҳо ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ робитаи бевоситаро ба роҳ монад.

2. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои байналмилалии байнидонишгоҳӣ, иштироки фаъол дар

барномаҳои созмонҳои байналмилалии соҳавӣ ва гузарондани чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ тадбирҳои амалӣ меандешад.

3. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои муқарраргардида дар мувофиқа бо муассис ҳуқуқи баргузор намудани озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин таҳия ва тасдиқи низомномаи озмунҳои мазкурро дорад.

**Моддаи 12. Маблағгузорӣ ва молу мулки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1. Маблағгузории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ба роҳ монда мешавад.

2. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба молу мулки дар истифодааш қарордошта (биною иншоот, маҷмааҳои таълимӣ, таҷҳизот ва ашёи дигари зарурии таълимӣ, инноватсионӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва ғайра) дар доираи муайяннамудаи қонун мутобиқи мақсади фаъолияташ, супоришҳои муассис ё мақомоти ваколатдори он ва таъиноти молу мулк ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдориро дорад.

3. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад молу мулки ба он вобасташуда ё молу мулки бо харҷнома бадастовардаашро фурӯшад ё онҳоро ба тарзи дигар ихтиёрдорӣ намояд.

## БОБИ 3.
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 13. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 14. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 20 июни соли 2024, № 2061**

## ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 19 июни соли 2024, № 501**

## ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 12 июни соли 2024, № 1374**